ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 11 соли 2026 № 409/дс ш. Душанбе

Дар бораи додани дараҷаи илмии доктори илм

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 6, 114, 115 ва 126 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Каримзода Мусо Бобишо ба дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор дониста шавад.
2. Ба Каримзода Мусо Бобишо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм дода шавад.
3. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Суҳроб Ҷурахонзода) дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмиро барасмият дарорад.
4. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Самариддини Ҷамоли) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2026, №11

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ